**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№32**

**аз 24 декабри соли 2010** **шаҳри Душанбе**

**Дар бораи аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қароре, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд (пешбурди назоратӣ)**

Бинобар бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2009 дар бораи қабул ва аз 01 апрели соли 2010 мавриди амал қарор додани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расиданаш, инчунин вобаста ба масъалаҳое, ки дар назди судҳо ҳангоми аз нав ба тариқи назоратӣ тибқи боби 42 Кодекси мазкур муқарраршуда дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд ба миён омадааст, бо дастрасии моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1. Тибқи талаботи моддаҳои 119 қисми 1, 125 қисми 2 ва 403-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ) нисбати ҳукм, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, ба истиснои қарорҳои Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироз ё шикоят аз ҷониби гумонбаршуда, айбдоршаванда, маҳкумшуда, сафедкардашуда, шахсе ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, намояндагони қонунии онҳо, ҳимоятгарон, ҷабрдида ё намояндаи ӯ, прокурор, айбдоркунандаи хусусӣ, инчунин дигар шахсон дар ҳамон қисме, ки санади судӣ ба манфиати онҳо дахолат мекунад, метавонад пешниҳод гардад. Даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ё намояндагони қонунии онҳо метавонанд дар қисме, ки бо даъвои гражданӣ алоқаманд мебошад, санҷидани ҳукм, таъинот ва қарори судиро бо пешниҳоди шикояти назоратӣ дархост намоянд.

Ваколати гумонбаршуда, айбдоршаванда, маҳкумшуда, сафедкардашуда, шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, намояндагони қонунии онҳо, ҷабрдида, прокурор, айбдоркунандаи хусусӣ, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ, намояндагони қонунии онҳо ҷиҳати пешниҳоди эътироз ё шикояти назоратӣ нисбати санади судӣ тасдиқи махсусро талаб намекунад.

Ҳимоятгар оид ба пешниҳод намудани шикоят нисбати санади судӣ ба тариқи назоратӣ, бо ордери маслиҳатхонаи ҳуқуқӣ ё иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти адвокатӣ ва созишнома, ваколати намояндагони гумонбаршуда, айбдоршаванда, маҳкумшуда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ ва ҷавобгари гражданӣ, айбдоркунандаи хусусӣ ва шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, бо ваколатнома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи ваколати онҳо, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба расмият дароварда шудааст, бояд тасдиқ карда шавад.

Шахсони дигаре, ки иштирокчии мурофиа намебошанд, бояд дар шикояти назоратии худ қайд намоянд, ки маҳз дар кадом қисм ҳукм, таъинот ва санади судие, ки эътибори қонунӣ пайдо намудааст, манфиатҳои қонунии онҳоро халалдор месозад. Агар ҳангоми омӯзиши шикоят судяи суди марҳилаи назоратӣ ба хулоса ояд, ки бо санади судӣ манфиати шахс халалдор карда нашудааст, шикоятро бе баррасӣ бармегардонад.

Дархостҳои ба суди марҳилаи назоратӣ воридгардидаи шахсони дигар ва ташкилотҳое, ки санадҳои судӣ манфиатҳои онҳоро халалдор насохтааст, дар бораи аз нав ба тариқи назоратӣ

дида баромадани санадҳои судие, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, мавриди баррасӣ қарор дода нашуда, ба арзкунанда бо тавзеҳоти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ баргардонида мешаванд.

2. Пешбурди марҳилаи назоратӣ бо риояи талаботи (марҳилавӣ) пай дар пайие, ки моддаи 404-и КМҶ муқаррар намудааст, амалӣ мегардад, ки тибқи он парвандаи ҷиноятӣ аз рӯи эътироз ё шикояти назоратӣ сараввал дар суди марҳилаи поёнии назоратӣ, сипас дар суди марҳилаи болоии назоратӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 408-и КМҶ пешбурди пешакӣ аз рӯи эътироз ё шикоят дар ҳар як марҳилаи назоратӣ дар ду давр ба амал бароварда мешавад, яъне аввал эътироз ё шикоят аз ҷониби судя баррасӣ мегардад ва дар сурати бо қарор беқаноат монондани дархост дар бораи оғоз намудани пешбурди назоратӣ ва ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ додани онҳо, қарори судяро метавонанд шахсони дар қисми 5 моддаи 408-и КМҶ номбурда мавриди санҷиш қарор диҳанд.

Аз ин лиҳоз, шикоят ё эътирози назоратӣ аз болои санадҳои судӣ дар сурате ба истеҳсолоти судяи суди болоӣ қабул мегардад, агар бо қарори судяи суди марҳилаи назоратии поёнӣ шикоят ё эътироз беқаноат мононда шуда бошад ва раиси суди мазкур қарори судяро аз рӯи шикоят ё эътироз санҷида, бо он розӣ шуда бошад, ки қарори судяи суди мазкур бо риояи тартиби муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи 408-и КМҶ бароварда шуда, қонунӣ ва асоснок мебошад.

3. Қарорҳои судяҳои судҳои ҳарбии гарнизонҳо, ки ба тариқи иҷроиши ҳукм бароварда шудаанд аз ҷониби Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба тариқи назоратӣ дида баромада мешаванд.

Қарорҳои судяҳои суди шаҳр ва ноҳия, ки ба тариқи иҷроиши ҳукм бароварда шудаанд новобаста аз он ки суди кадом марҳила ҳукми мазкурро қабул кардааст, танҳо бо риояи талаботи (марҳилавӣ) пай дар пайие¸ ки моддаи 404-и КМҶ муқаррар намудааст, аз нав ба тариқи назоратӣ дида баромада мешавад. Яъне, аввал нисбати қарор ба раёсати суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, сипас ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, пас аз он ба Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироз ва шикоят оварда мешавад.

Эътироз ё шикояти назоратӣ, ки бе гузаштан аз суди поёнӣ ба суди марҳилаи назоратии болоӣ ворид шудааст, бояд ба арзкунанда бе баррасӣ баргардонида шавад.

Агар ҳангоми омӯзиши эътироз ё шикояти назоратии ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, ки дар он оиди аз нав дида баромадани ҳукм ва санадҳои минбаъдаи судӣ, аз ҷумла қарори судя, ки ба тариқи иҷроиши ҳукм бароварда шудааст, масъалагузорӣ карда шуда бошад, судяи Суди Олӣ мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқиро барои аз нав дида баромадани танҳо қарори судя, ки ба тариқи пешбининамудаи боби 41-и КМҶ бароварда шудааст (пешбурд оид ба баррасӣ ва ҳалли масъалаҳо вобаста ба иҷрои ҳукм) муқаррар намуда, пешбурди назоратиро оғоз карда, дархостро ба суди марҳилаи назоратӣ, ки салоҳияти аз нав дида баромадани қарори мазкурро дорад, ирсол менамояд. Ҳамзамон, судя эътироз ё шикоятро дар қисме, ки бобати аз нав дида баромадани ҳукм масъалагузорӣ шудааст, бе баррасӣ мемонад.

Судяи Суди Олӣ эътироз ё шикояти воридгардидаи назоратиро оид ба масъалаи аз нав дида баромадани қарори судяи суди шаҳр ва ноҳия, ки ба тариқи иҷроиши ҳукм бароварда шудааст, ба суди поёнии дахлдори марҳилаи назоратӣ дар сурате ирсол менамояд, ки агар он қаблан мавзӯи муҳокимаи судӣ дар ҳамон суд қарор дода нашуда бошад.

4.Тибқи муқаррароти моддаҳои 125 қисми 2 ва 404-и КМҶ ба тариқи назоратӣ санади судии эътибори қонунӣ пайдонамуда, ки аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ дар рафти пешбурди судӣ, инчунин қабл аз он бароварда шудааст, аз нав дида баромада мешавад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 87-и Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар гуна дахолат, аз ҷумла аз тарафи судҳои марҳилаҳои болоӣ ба фаъолияти судҳо, ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ манъ аст. Аз ин рӯ, санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокарда, ки дар рафти пешбурди қаблӣ бекор карда шудаанд, ба тариқи назоратӣ танҳо то ирсоли парвандаи ҷиноятӣ ба суди марҳилаи якум барои моҳиятан баррасӣ намудан, аз нав дида баромада мешаванд.

5. Мувофиқи талаботи қисми 1 моддаи 408-и КМҶ эътироз ё шикояти назоратӣ бояд дар мӯҳлати 30 шабонарӯз баррасӣ гардад.

Мебоист дар назар дошт, ки ҳангоми ҳалли масъала оид ба талаб карда гирифтани парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи пешбининамудаи қисми 2 моддаи 408-и КМҶ парванда дар ҳама ҳолат, вақте ки шубҳа дар хусуси қонунӣ, асоснок ва одилона будани ҳукм, таъинот ё қарор ба миён меояд, бояд талаб карда гирифта шавад.

Ваҷҳҳои дар шикоят ё эътироз дарҷгардида дар санадҳои судӣ бо далелҳои дар он овардашуда инкор карда нашуда бошанду шахсоне, ки ваколати баррасӣ намудани дархостҳоро дар бораи аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори суд, ки эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, доро мебошанд, ҳуқуқ надоранд талаб карда гирифтани парвандаҳои ҷиноятиро рад намоянд.

Қарор дар бораи оғоз намудани пешбурди назоратӣ бе талаб карда гирифтани парвандаи ҷиноятӣ дар сурате қабул карда мешавад, агар вайронкуниҳое, ки ба аз нав дида баромадани ҳукм ё санади дигари судӣ оварда мерасонанд, аз қарорҳои судӣ ва дигар маводи ба эътироз ё шикоят замимашуда бармеоянд (парванда аз ҷониби ҳайати ғайриқонунӣ баррасӣ шудааст; маҳкумшуда ба синне, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад, нарасидааст; мурури мӯҳлати таъқиби ҷиноятӣ ва ғайра). Дар ҳама ҳолат суди марҳилаи назоратӣ ҳуқуқ надорад эътироз ё шикоятро бе талаб карда гирифтани парвандаи ҷиноятӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

6. Агар пешбурди назоратӣ аз рӯи дархости яке аз субъектони шикоят, масалан маҳкумшуда оғоз ёфта бошаду шикояти иловагии ӯ, инчунин дархостҳои дигар субъектони шикоят (ҳимоятгар, ҷабрдида, прокурор ва ғайра) нисбати ҳамин маҳкумшуда, аз рӯи ин ё он асосҳои ҳуқуқӣ пас аз қабули қарор дар бораи оғози пешбурди назоратӣ, новобаста аз он ки дархости мазкур нахустин ё такрорӣ мебошад, ворид гардад, судя онро барои баррасӣ намудан ба суди марҳилаи назоратӣ бе баровардани қарори дахлдор ирсол менамояд. Ҳамзамон, аз рӯи ҳар як эътироз ё шикоят, ки барои баррасӣ намудан ба суди марҳилаи назоратӣ ирсол гардидааст, бояд талаботи қисмҳои 2, 3, 5-и моддаи 410-и КМҶ иҷро карда шавад.

7. Судя ҳангоми қабули қарор дар бораи беқаноат монондани эътироз ё шикояти назоратӣ вазифадор аст, нисбати ҳар як ваҷҳе, ки бо он қонунӣ, асоснок ва одилона будани санади судӣ мавриди баҳс қарор дода шудааст, ҷавобҳои муфассал дода, асосҳоеро, ки вобаста ба онҳо ваҷҳҳои мазкур фаръӣ (аҳамият надошта) эътироф шудаанд, дарҷ кунад.

8. Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ судяеро, ки парвандаро маърӯза менамояд вазифадор месозад, ки асосҳои қабули қарор оид ба оғоз намудани пешбурди назоратиро ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи назоратӣ баён кунад (қисми 6 моддаи 410-и КМҶ). Аз ин рӯ, ҳангоми қабули қарор дар бораи оғози пешбурди назоратӣ, дар он бояд маҳз вайронкуниҳое аз рӯи парванда, ки мавриди баррасии судии қаблӣ роҳ дода шудаанд, дар чӣ ифода ёфтааст, оё вайронкунии мазкур ба қонунӣ, асоснок ва одилона будани санади судии мавриди баҳс қарордошта таъсир расонидааст ё метавонист расонад, инъикос ёбанд. Ҳамзамон, судя қарор дар бораи оғози пешбурди назоратиро қабул намуда, ҳуқуқ надорад дар он хулосаҳои суди марҳилаи назоратиро қаблан ҳал намояд.

9. Шахсоне, ки тибқи моддаи 408-и КМҶ ҳуқуқи баррасӣ намудани эътироз ё шикояти назоратиро доранд, бо дастрасии моддаҳои 12 қисми 1 ва 413-и КМҶ ҳуқуқ доранд, пешбурди парвандаи ҷиноятиро дар ҳаҷми пурра нисбати шахсе, ки дар ҳаққи ӯ масъала оиди аз нав дида баромадани санади судӣ ба миён гузошта шудааст, санҷида бароянд.

Мавриди омӯзиши эътироз ё шикояти назоратӣ, аз маводи парвандаи ҷиноятӣ ва ҳуҷҷатҳои иловагии пешниҳодгардида маълум гардад, ки доир ба парванда қонунвайронкуниҳо ҷой доранд, аммо онҳо дар эътироз ё шикоят дарҷ наёфтаанд ва ҳангоми бартараф намудани онҳо вазъи маҳкумшуда, сафедкардашуда ё шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, беҳтар мегардад, шахсони дар моддаи 408-и КМҶ номбаршуда вазифадоранд пешбурди назоратиро оғоз намоянд.

10. Тибқи талаботи қонун эътироз ё шикояти назоратӣ такроран пешниҳодгардида դониста мешавад, агар он нисбати ҳамон парванда, ҳамон шахс ва ба ҳамон марҳилаи назоратӣ аз ҷониби ҳамон субъекти арзкунанда пешниҳод гардида, қаблан бо қарори судя беқаноат

мононда шуда бошад.

Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони ӯ, раисони суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва суди шаҳри Душанбе тибқи қисми 5 моддаи 408-и КМҶ ҳуқуқ доранд, ваколатҳои мурофиавии худро ба тариқи назоратӣ танҳо дар сурати ба суди марҳилаи назоратӣ пешниҳод гардидани эътироз ё шикояте, ки дар он дурустии хулосаи судя, ки бо қарори ӯ дархост оид ба оғоз намудани пешбурди назоратӣ ва ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ додани эътироз ё шикояти назоратӣ беқаноат мононда шудааст, мавриди баҳс қарор дода мешавад, ба амал бароранд. Шахсони номбаршуда дар алоқамандӣ ба моддаи 20-и КМҶ ҳуқуқ доранд ваколати худро танҳо дар мавриди ба унвонии онҳо пешниҳод гардидани дархост оид ба санҷидани дурустии қарори судя амалӣ намоянд.

Ҳамзамон, эътироз ё шикояте, ки қаблан аз ҷониби судя беқаноат мононда шудаасту мавриди баҳс қарор дорад, ба шарте баррасӣ карда мешавад, ки агар ба талаботи моддаи 406-и КМҶ ҷавобгӯй бошад.

Шахсони дар қисми 5 моддаи 408-и КМҶ зикргардида, асос барои бекор намудани қарори судя дар бораи рад кардани эътироз ё шикояти назоратиро дарёфт накарда бошад, он гоҳ ӯ ба тариқи хаттӣ дар ин бора шахсеро, ки дархост дар бораи аз нав дида баромадани қарори судиро пешниҳод намудааст, огоҳ месозад. Қонун дар ҳолати мазкур баровардани қарори мурофиавиро талаб намекунад.

11. Суде, ки парвандаи ҷиноятиро ба тариқи назоратӣ мавриди баррасӣ қарор додааст, бояд имконияти бо эътироз ё шикояти назоратӣ шинос шудани шахсони иштирокчии мурофиаи судиро то оғози мурофиа бо роҳи ирсол кардани нусхаҳои эътироз ё шикоят ба иштирокчиёни дахлдори мурофиа ё ин ки даъватнома барои шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои мазкури мурофиавӣ шароит фароҳам оварад.

Раисикунандаи мурофиаи судие, ки парвандаи ҷиноятиро ба тариқи назоратӣ баррасӣ мекунад, бояд ба даъватшудагон ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа, яъне ҳуқуқи изҳор намудани радкунӣ нисбати ҳайати суд ё яке аз судяҳо, прокурор, ҳуқуқи додани баёнот вобаста ба ваҷҳҳои эътироз ё шикоят, пешниҳод намудани нусхаҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ ва маводи иловагӣ, дархост дар бораи талаб карда гирифтани чунин маводро фаҳмонад.

Азбаски пас аз бекор шудани ҳукм, таъинот, қарори судии эътибори қонунӣ пайдонамуда парвандаи ҷиноятӣ барои баррасии нав ба судҳои марҳилаи якум ё кассатсионӣ равон гардида, қарори нави судӣ қабул мешавад, аз нав дида баромадани он ба тариқи назоратӣ аз ҷониби ҳамон суди марҳилаи назоратӣ дар ҳайати пештара метавонад ба амал баровардa шавад.

12. Суде, ки парвандаи ҷиноятиро ба тариқи назоратӣ дида мебарояд, ҳуқуқ дорад ё агар зарур шуморад маҳкумшударо ба маҷлиси судӣ даъват намояд.

Дар мавриди зарурӣ ба маҷлиси суд барои додани баёнот маҳкумшуда, сафедкардашуда, ҳимоятгарони онҳо, намояндагони қонунӣ, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, намояндагони онҳо даъват карда мешаванд. Ҳозир нашудани иштирокчии мурофиа бе сабабҳои узрнок, ки ба тариқи дахлдор дар бораи рӯз, вақт ва ҷойи барпо гардидани мурофиаи судии суди марҳилаи назоратӣ огоҳ карда шудааст, ба мавқуф гузоштан ё ин ки боздоштани баррасии парванда асос шуда наметавонанд.

13. Тибқи талаботи қисми 7 моддаи 410-и КМҶ прокурор дар суди марҳилаи назоратӣ хулосаи худро аз рӯи эътироз ё шикояти назоратӣ медиҳад. Аз ин рӯ, ӯ бояд дар қатори дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи рӯз, вақт, ҷойи барпо гардидани маҷлиси судии суди марҳилаи назоратӣ огоҳ карда шавад.

14. Диққати судҳо ба он ҷалб карда шавад, ки парванда ба тариқи назоратӣ дар коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби се нафар судя, дар раёсатҳои суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати на камтар аз се ду ҳиссаи аъзоёни раёсат баррасӣ карда мешавад.

Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ва Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъинотро дар хонаи машваратӣ мебароранд, ки он бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад. Қисми хулосавии таъиноти қабулшуда фавран дар толори маҷлиси судӣ аз

тарафи раисикунанда ё яке аз судяҳо эълон мегардад.

Қарорҳои раёсат бо аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои он, ки дар ҷаласа иштирок доранд, қабул карда мешаванд. Дар сурати баробар будани овозҳои тарафдор ё муқобил эътироз ё шикояте, ки дар раёсат баррасӣ шудааст, радкардашуда эътироф мешавад.

Ҳангоми дар раёсати суди ВМКБ, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе мавҷуд набудани ҳайати салоҳдиди судӣ (кворум) раисикунанда вазифадор аст парвандаро аз баррасӣ бозхонда, эътироз ё шикоятро дар якҷоягӣ бо парвандаи ҷиноятӣ барои баррасӣ намудан ба коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

15. Шахсе, ки ба суди марҳилаи назоратӣ бо дархост дар бораи аз нав дида баромадани санади судии эътибори қонунӣ пайдокарда муроҷиат намудааст, ҳуқуқ дорад эътироз ё шикояти назоратиро то оғози маҷлиси судӣ бозхонд намояд. Агар ариза дар бораи бозхондан то қабули қарор дар бораи оғози пешбурди назоратӣ ворид гардад, судя эътироз ё шикоятро ба шахсе, ки онро ба суди марҳилаи назоратӣ пешниҳод кардааст, бармегардонад. Дар сурате, агар ариза пас аз қабули қарор дар бораи оғоз намудани пешбурди назоратӣ ва ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ додани эътироз ё шикояти назоратӣ ба суди марҳилаи назоратӣ ворид гардад, он гоҳ суди дахлдор дар бораи қатъ кардани пешбурди назоратӣ аз сабаби бозхонди эътироз ё шикоят қарор (таъинот) мебарорад, ба шарте нисбат ба санади судӣ дигар шахсон эътироз ё шикояти назоратӣ пешниҳод накарда бошанд.

Қарори суд дар бораи қатъ кардани пешбурди назоратӣ бо асосҳои зикргардида ҳолате мебошад, ки ба ҳамон шахс барои такроран муроҷиат намудан ба суди марҳилаи назоратӣ бо эътироз ё шикоят бо ҳамон асосҳои ҳуқуқӣ монеа мегардад.

16. Суди марҳилаи назоратӣ бояд ҳамаи ваҷҳҳои дар эътироз ва шикояти назоратӣ оварда-шударо санҷида барояд. Тибқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ суди марҳилаи назоратӣ наметавонад, ваҷҳҳои эътироз ё шикояти назоратиро бе овардани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ рад намояд.

17. Мувофиқи талаботи моддаи 412-и КМҶ дар вақти баррасии парванда ба тариқи назоратӣ ҳолатҳое, ки дар моддаи 372 КМҶ нишон дода шудаанд:

- яктарафа ё нопурра будани таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё судӣ;
- мувофиқат накардани хулосаи суд, ки дар ҳукм баён шудаанд, ба ҳолатҳои воқеии парванда;
- ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудани қонуни мурофиавии ҷиноятӣ;
- нодуруст татбиқ карда шудани қонуни ҷиноятӣ;
- номувофиқии ҷазои таъиншуда ба вазнинии ҷиноят ва шахсияти маҳкумшуда, барои бекор кардан ё тағйир додани ҳукм, таъинот ва қарори эътибори қонунӣ пайдокардаи суд асос шуда метавонанд.

18. Бо мақсади бартараф кардани ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, ки бо роҳи маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ба шахсони дар парванда иштироккунанда кафолатдодаи қонун, риоя накардани расмияти пешбурди судӣ ё бо роҳи дигар ба таҳқиқи ҳамаҷониба ва холисонаи ҳолатҳои парванда халал расонида, барои баровардани ҳукми қонунӣ, асоснок ва одилонаи судӣ таъсир расонидаанд, агар ин бо пурра кардани таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ алоқаманд набошад, суди марҳилаи назоратӣ аз рӯи дархости тараф ё бо ташаббуси худ, бо дастрасии муқаррароти қисми 1 моддаи 264-и КМҶ ҳуқуқ дорад, санадҳои қабулнамудаи судиро бекор карда, парвандаи ҷиноятиро барои тафтиши иловагӣ ба прокурори дахлдор баргардонад.

19. Азбаски аз нав дида баромадани санади судӣ ба тариқи назоратӣ роҷеъ ба бад кардани вазъи маҳкумшуда, сафедкардашуда ё шахсе, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, танҳо аз рӯи шикояти ҷабрдида (намояндаи қонунии ӯ, намоянда) ё эътирози прокурор иҷозат дода мешавад, суд ҳуқуқ дорад танҳо бо ҳамон асоси ҳуқуқӣ, ки дар шикоят ё эътироз қайд шудааст, қароре (таъиноте) қабул намояд, ки мавқеи маҳкумшуда, сафедкардашуда ё шахсеро, ки нисбаташ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, бад кунад. Дар ин сурат суди марҳилаи назоратӣ санадҳои судии аз ҷониби судҳои поёнӣ қабулгардидаро бекор намуда, парвандаро барои баррасии нави судӣ ирсол менамояд.

Дар мавридҳое, ки аз рӯи парванда якчанд нафар судшаванда маҳкум ё сафед карда шуда

бошанд, суд ҳуқуқ надорад ҳукм, таъинот ё қарорро дар ҳаққи он шахсони маҳкумшуда ё сафедкардашуда, ки нисбат ба онҳо шикояти ҷабрдида ё эътироз баён карда нашудааст, бекор кунад, ба шарте ки бекор кардани ҳукм, таъинот ё қарор вазъияти онҳоро бад мекарда бошад.

Ба судҳо тавзеҳот дода шавад, ки бо назардошти моддаи 405-и КМҶ ба тариқи назоратӣ аз нав дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарори айбдоркунандаи суд вобаста ба зарурати татбиқи қонун дар бораи ҷинояти нисбатан вазнинтар, сабукии ҷазо ё бо дигар асосҳо, ки ба бад кардани вазъи маҳкумшуда меоваранд, инчунин аз нав дида баромадани ҳукми сафедкунанда ё таъинот, қарори суд дар бораи қатъ кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар давоми як сол аз рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намуданашон имконпазир аст.

Бад кардани вазъи маҳкумшуда, баъди як сол аз эътибори қонунӣ пайдо кардан бекор кардани санадҳои судӣ, аз ҷумла бо ҳолатҳои зерин ҳисобида мешавад, агар:

- қонуни афв нодуруст татбиқ карда шуда бошад;
- мӯҳлати адои ҷазо нодуруст ба фоидаи маҳкумшуда ҳисоб карда шуда бошад;
- бо сабаби бемори ё маъюбӣ маҳкумшуда аз адои ҷазо нодуруст озод карда шуда бошад;
-нодуруст ҷазо шартан татбиқ нашуда ё қисми адонагардидаи ҷазо ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шуда бошад;
-маҳкумшуда нодуруст барои адои ҷазо ба муассисаи ислоҳии дорои низоми сабуктар равон карда шуда бошад;
-нодуруст мӯҳлати санҷишии маҳкумшуда, ки нисбаташ ҷазо дар асоси моддаи 71-и КҶ таъин шудааст кам карда шуда бошад;
- доғи судӣ нодуруст бардошта шуда бошад ва ғайраҳо.

20. Мувофиқи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 413-и КМҶ суд дар вақти ба тариқи назоратӣ баррасӣ кардани парванда ба ваҷҳҳои эътироз ё шикоят вобаста нест ва вазифадор аст, ки ҳамаи маводи парвандаро дар ҳаҷми пуррааш санҷида бароЯд, агар мувофиқи парванда якчанд кас маҳкум шуда бошаду аммо эътироз ё шикоят фақат дар ҳаққи як нафар ё ки баъзе маҳкумшудагон баён карда шуда бошад, суд ӯҳдадор аст, ки парвандаро дар ҳаққи ҳамаи маҳкумшудагон санҷида бароЯд.

Аз ин лиҳоз, суди марҳилаи назоратӣ ӯҳдадор аст, ки ҳама гуна вайронкуниҳои меъёрҳои қонуни моддӣ ва мурофиавии дар маҷлиси судӣ ошкоргардидаро, агар бартараф сохтани онҳо танҳо ба беҳтар гардидани вазъи маҳкумшуда (маҳкумон) оварда расонад, бартараф намояд.

Ҳамзамон, қайд намудан ба маврид аст, ки дар қарори (таъиноти) суди марҳилаи назоратӣ оид ба қонунӣ, асоснок ва одилона будани санади судие, ки аз нав баррасӣ мегардад, дар ҳамон қисме, ки шикоят оварда нашудааст ва тибқи талаботи қисми 1 моддаи 413-и КМҶ санҷида нашудааст, набояд хулоса бароварда шавад.

Гарчанде баррасии парвандаи ҷиноятӣ дар ҳаққи баъзе маҳкумшудагон (сафедкардашудагон, шахсоне, ки нисбаташон парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст) ба салоҳияти судҳои поёнӣ, нисбати дигарон ба суди марҳилаи назоратии болоӣ тааллуқ дошта бошанд, парвандаи ҷиноятӣ нисбати ҳамаи шахсон аз ҷониби суди марҳилаи назоратии болоӣ баррасӣ карда мешавад.

21. Ҳангоми дида баромадани парвандаи ҷиноятӣ ба тариқи назоратӣ на танҳо нусхаҳои тасдиқкардашудаи ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ, балки дигар маводи якҷоя бо эътироз ё шикоят воридгардида ё ин ки аз ҷониби тарафҳо пешниҳодшуда, агар онҳо ваҷҳҳои эътироз ё шикояти назоратиро тасдиқ намуда, оид ба мавҷуд будани ҳолатҳои нав ошкоргардида шаҳодат надиҳанд, мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Суди марҳилаи назоратӣ ба маводи иловагӣ дар маҷмӯъ бо далелҳои парвандаи ҷиноятӣ баҳо дода, онҳо ба асоси таъинот (қарор) танҳо дар бораи бекор кардани ҳукм, қарор ё таъиноти судӣ гузошта шуда, якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ ба прокурор барои гузаронидани тафтиши иловагӣ баргардонида мешавад ё барои баррасии нав ба судҳои марҳилаҳои якум ё кассатсионӣ ирсол мегарданд.

Тағйир додани ҳукм ва санадҳои минбаъдаи судӣ ё бекор кардани он бо қатъ намудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ дар асоси маводи иловагии ба эътироз ё шикоят ҳамроҳ кардашуда иҷозат дода намешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ҳақиқӣ будани воқеиятҳои бо чунин мавод муқарраршуда санҷиши суди марҳилаи якумро (ҳуҷҷатҳое, ки расидани

судшавандаро ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, мавҷуд набудани доғи судӣ, татбиқи санади авф аз рӯи ҳукми қаблӣ ва ғайра шаҳодат медиҳанд) талаб намекунад.

22. Дар сурати бекор гардидани ҳукм ва фиристодани парвандаи ҷиноятӣ ба баррасии нави судӣ ба судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратии поёнӣ ё ба тафтиши нав, суди марҳилаи назоратӣ вазифадор аст, масъалаи интихоби чораи пешгириро ҳал намуда, муқаррароти умумиро, ки дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, дастрас намояд.

23. Суди марҳилаи назоратӣ таъиноти суди марҳилаи кассатсиониро бекор карда, парвандаро ба баррасии нави кассатсионӣ равон менамояд, зеро худ ҳуқуқ надорад, ки аз рӯи парвандаи мазкур ба ҷойи суди марҳилаи кассатсионӣ, барои раҳоӣ ёфтан аз ивазшавии як тартиби пешбурд бо дигар, қарор қабул намояд.

Дар баробари ин, суд вақте ки парвандаро ба тариқи назоратӣ баррасӣ карда, таъиноти кассатсиониро бекор мекунад, ҳуқуқ надорад хулосаҳоеро, ки марҳилаи кассатсионӣ мумкин аст дар вақти маротибаи дуюм баррасӣ кардани парванда барорад, пешгӯи намояд.

24. Мувофиқи талаботи моддаи 415-и КМҶ қароре, ки ҳангоми баррасии парванда Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, ё худ таъиноте, ки коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ё ин ки Коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи назоратӣ баровардаанд, бояд ба талаботи моддаи 383-и Кодекси мазкур мувофиқ бошад.

25. Аз нав дида баромадани санади судӣ ба тариқи назоратӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ, ки дар моддаҳои 372, 412-и КМҶ пешбинӣ шудаанд, иҷозат дода мешавад. Агар дар хусуси қонунӣ, асоснок ва одилона будани санади судӣ шубҳа пайдо шуда, он бо ҳолатҳое вобаста бошад, ки қаблан ба суд маълум набуданд ва пас аз эътибори қонунӣ даромадани ҳукм, таъинот ва қарори дахлдори судӣ ба миён омада бошад, масъалаи аз нав дида баромадани чунин санад танҳо ба тариқи бо боби 43-и КМҶ (аз нав сар кардани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҳолатҳои нав ошкоршуда) муқарраргардида ҳал меёбанд.

Ҳангоми вуҷуд доштани ҳолатҳои зикргардида, агар эътироз ё шикоят ба тариқи назоратӣ пешниҳод шуда, аз рӯи он қарор дар бораи оғоз намудани пешбурди назоратӣ ва ба баррасии марҳилаи назоратии судӣ додани эътироз ё шикояти назоратӣ қабул шуда бошад, он гоҳ суд онҳоро бе баррасӣ мононда, пешбурди назоратиро қатъ мекунад.

26. Мутобиқи талаботи қисми 1 моддаи 414-и КМҶ дастурҳои суди марҳилаи назоратӣ дар вақти баррасии такрории ҳамин парванда барои судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратии поёнӣ ҳатмӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, аз ҷониби судҳои поёнӣ иҷро накардани онҳо барои бекор кардани санади судӣ дар сурати мавҷуд будани шартҳои бо қисми 1 моддаи 375-и КМҶ пешбинишуда асос мегардад.

27.Зимни баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ судҳои марҳилаи назоратӣ вайронкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин татбиқи нодурусти муқаррароти қонунро, ки дар рафти таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши пешакӣ ва баррасии парванда дар суд роҳ дода шудааст, ошкор намуда, дар дигар ҳолатҳо мутобиқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 35-и КМҶ метавонанд нисбати шахсони ба вайронкунӣ роҳдода таъиноти (қарори) хусусӣ бароранд.

28. Бо қабул гардидани Қарори мазкур Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 1992 таҳти №3 «Дар бораи аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намудани қонунгузорие, ки аз сари нав ба тариқи назоратӣ дида баромадани ҳукм, таъинот ва қарорҳои судиро аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ ба танзим медорорад» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**